Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-044 назди Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33)

**ТАҚРИЗ**

ба автореферати диссертатсияи Изатуллозода Пайрави Нусратулло дар мавзуи «Вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст (Душанбе, 2023. – 36 саҳ.).

Самаранокии идоракунии давлатӣ зарурати такмили пайвастаи механизмҳои амалисозии онро талаб менамояд. Бо ин мақсад, дар замони Истиқлоли давлатӣ дар кишвар борҳо ислоҳоти низоми мақомоти идоракунии давлатӣ гузаронида шуда, дар заминаи он дастгоҳи давлат такмил ва устувор гардонида шудааст.

Имрӯз дар низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз панҷоҳ мақомоти давлатӣ фаъолият менамоянд, ки вобаста ба функсияи худ самтҳои гуногуни фаъолияти давлатиро фаро мегиранд. Аз ҷумлаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, ки дар татбиқи сиёсати давлатӣ дар самти хизмати давлатӣ, мубориза бо коррупсия, муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар, рушди маҳал, ҷамъоварии маълумоти иттилоотию оморӣ ва ғайра саҳми арзанда доранд – ин мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Вале, қайд намудан зарур аст, ки вобаста ба эътирофи мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақомоти идоракунии давлатӣ баъзе муаммоҳо ҷой дошта метавонанд, зеро мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мазмуни васеъ дошта, фарогири мақомоте низ мебошад, ки ҳамчун субъектони идоракунии давлатӣ баромад карда наметавонанд. Аз ин лиҳоз, додани баҳои ҳуқуқӣ ба вазъи ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷудо намудани мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки амаликунандаи идоракунии давлатӣ мебошанд ва таносуби онҳо бо дигар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, ки тобеъ ва ҳисоботдиҳанда дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

мебошанд, аз ҷумлаи масъалаҳои мубрами аҳаммияти назариявӣ ва амалидошта ба ҳисоб мераванд.

Бо назардошти ин, гуфтан мумкин аст, ки мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Изатуллозода Пайрави Нусратулло зери унвони “Вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз нигоҳи назариявӣ ва амалӣ мубрам арзёбӣ гардида, аз муҳтавои автореферати диссертатсия маълум мегардад, ки диссертант моҳияти мавзуро амиқ дарк намуда, ҷанбаҳои муҳимми онро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Аз автореферати диссертатсия бармеояд, ки диссертатсия аз муқаддима, ду боб, ҳафт зербоб, хулоса, тавсияҳои амалӣ ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Аз масъалаҳои дар автореферат зикргардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот пай дар пай ва бо риояи мантиқи илмӣ таҳия гардидаст.

Дар афтореферат диссертант навгониҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаро ба таври мушаххас ва асоснок манзур намудааст. Бо натиҷагирӣ аз нуктаҳои назариявии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ба хулоса омадан мумкин аст, ки мафҳумҳо ва нуктаҳои дигари пешниҳодгардида аз ҷониби муаллиф мустақилона таълиф гардида, қобили дастгирӣ мебошанд ва дар илми ҳуқуқи маъмурӣ қобили қабул маҳсуб меёбанд. Дар баробари нуктаҳои назариявӣ, нуктаҳои амалии ба ҳимоя пешниҳодшуда низ аз аҳаммият холӣ нестанд. Зеро, таклифҳои амалии пешниҳоднамудаи диссертант воқеан шоистаи дастгирӣ буда, барои такмили қонунгузорӣ ва мутобиқ гардонидани онҳо мусоидат менамоянд.

Дар баробари он, ки диссертант бо омода намудани таҳқиқоти худ ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардидааст, вале баъзе масъалаҳои дигарро низ қайд намудан зарур аст. Аз ҷумла:

1. Дар нуктаи нуҳуми амалии ба ҳимоя пешниҳодгардида диссертант пешниҳод менамояд, ки “фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи такмили сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки тавассути он низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ муқаррар карда мешавад, минбаъд “Дар бораи такмили низом ва сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” номгузорӣ карда шавад”. Аз диссертант пурсида мешавад, ки вобаста ба зарурати тағйир додани номи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи худро баён намояд.

Эроди мазкур ба сатҳ ва сифати автореферати диссертатсия таъсири манфӣ нарасонида, метавонад ба такмил ва пурра гардидани таҳқиқот мусоидат менамояд.

Маврид ба зикр аст, ки натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 12 мақолаи илмӣ инъикос гардида, аз он 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Зикр намудан зарур аст, ки диссертатсияи Изатуллозода П.Н. дар фазои илми ҳуқуқи маъмурии ватанӣ аввалин таҳқиқоти илмии комил ва алоҳида вобаста ба вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки натиҷаҳои аз он ба даст омадаро мусбӣ арзёбӣ намудан мумкин аст.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Изатуллозода Пайрави Нусратулло ба пуррагӣ мазмун ва моҳияти диссертатсияро инъикос намуда, дар он унсурҳои вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пай дар пай матраҳ гардида, нисбат ба онҳо баҳои дурусти ҳуқуқӣ дода шудааст, ки шоистаи дастгирист. Мазмуни автореферати диссертатсияи Изатуллозода П.Н. шаҳодат медиҳад, ки мавзуи таҳқиқшуда дар шароити имрӯза муҳим ва зарурӣ арзёбӣ гадида, ба талаботи муқарраркардаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ, нуктаҳои нави илмӣ мебошад. Бинобар ин, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14. – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
Сардори кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва
фаъолияти маъмурии факултети №2
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Вализода Н.Д.

Имзои муқарриз Н.Д. Вализодаро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва кор бо ҳайати шахсии
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
подполковники милитсия Музаффарзода Б.З.

Суроға: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи М. Мастонгулов, 3. E-mail: avkdtj@mail.ru; Факс: (+992 37) 226-60-43

“28” 03 2023 с.